## ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи номзадии Халифазода Саидаҳтам. дар мавзӯи: «Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

**Аҳамияти мавзӯъ.** Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ масъалаҳои такмили механизми маъмурикунонии андоз омили асосии рушди фаъолияти муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсати молиявӣ ба шумор меравад.

Рушди маъмурикунонии андоз ҳамчун як ҷузъи муҳимми ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтар намудани муҳити корӣ ва фазои сармоягузорӣ, таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст.

Зарурати такмил додани идоракунии андоз, пеш аз ҳама ба муҳим будани ҷамъоварии андозҳо, коҳиши сарбории маъмурӣ ба андозсупорандагони бомасъулият, тавсеаи шаффофияти системаи андоз алоқаманд мебошад, ки фаъолияти минбаъдаи онро мушаххас менамояд.

Ислоҳоти андоз, ки дар доираи “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025” сурат гирифта истодааст, дар муқоиса бо самтҳои асосии рушди мақомоти андози кишварҳои мутараққӣ ба чунин хулоса меоварад, ки сиёсати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дуруст муайян гардида, равандҳои асосии рушди мақомоти андозро дар сатҳи байналмилалӣ дар бар мегирад.

Рисолаи номзадии мазкур аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар сарсухан масъалаҳои муҳимияти мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ оварда шудааст.

Дар боби якуми кори илмӣ муаалиф ҷанбаҳои азариявӣ-методологии ташаккул ва такмили механизми маъмурикунонии андозро шарҳ додааст.

Дар боби дуюм муаллиф асосан вазъи низоми андозию андозситонӣ, самаранокии маъмурикунонии андоз ва нишондиҳандаҳои асосии баҳои механизми маъмурикунонии андозро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар боби сеюми кори илмӣ муаллиф дастгирии давлатии механизми маъмурикунонии андоз, такмили механизми маъмурикунонии андоз ва модели баҳодиҳии самаранокии механизми маъмурикунонии андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааast.

**Дар хулоса** пешниҳодҳо ва тасияҳо оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз ва самтҳои мукаммалгардонии он оварда шудааст.

Дар баробари бартариҳои мавҷуда, рисолаи мазкур дорои як қатор камбудиҳо мебошад.

1. Номи рисола "Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аст, вале дар нақша оиди шарҳи мафҳум ва моҳияти механизми маъмурикунонии андоз зербоби алоҳида оварда нашудааст;

2. Дар саҳ.3 муаллиф қайд менамояд, ки дар соли 2022 номгӯи андозҳо то 50% кам карда шуд, ки маълумоти мазкӯр зарурати бозбиниро тақозо менамояд;

3. Мувофиқи мундариҷа зербоби 1.1. оиди ташаккули маъмурикунонии андоз аст. Хуб мешуд, ки оиди ташаккулёбии маъмурикунонии андоз дар Ҷумцурии Тоцикистон маълумотҳо бештар оварда шавад;

4. Зербоби 1.2 принсипҳо ва фуксияи ташаккули маъмурикунонии андоз бояд бошад, вале муаллиф бештар назорати андозу мушкилотҳои низоми андозро таҳлил намудааст;

5. Дар зербоби 1.3 таҷрибаи давлатҳои гунонун оварда шудааast. Хуб мешуд муаллиф таҷрибаи давлатҳои собиқ иттиҳоди Шӯравиро мушаххас оид ба маъмурикунонии андоз қайд менамуд;

6. Зербоби 2.3 баҳои самаранки маъмурикунонии андоз дар шароити муосир аст, вале маълумотҳо умумӣ оварда шуда, вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар мебошанд;

7. Дар зербоби 3.1. муаллиф бештар оиди назорат ҷамъоварии андозҳо маълумотҳоро дарҷ намуда, роҳи мушаххаси танзими давлатиро таҳлил накардааст;

8. Хулосаҳои шахсии муаллиф дар боби 3 илова карда шавад;

9. Рисола бо забони тоҷикӣ навита шудааст, вале иқтибосҳо ва сарчашмаҳо бо забони русӣ оварда шудааст;

10. Руйхати адабиёти истифодашуда мувофиқи талабот оварда шавад;

11. Дар рисолаи илмӣ хатогиҳои граматикӣ ва техникӣ дида шуда, рисолаи номзадӣ пурра таҳрири ороишӣ ва граматикиро талаб менамояд.

Рисолаи номзадии Халифазода Саидаҳтам. дар мавзӯи: «Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», баъди ислоҳу коркард метавонад аз руи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз метавонад пешниҳод гардад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи андоз ва
андозбандии ДМТ н.и.и., дотсент Гулов Ш.М.